# МҲ-2 барномаи «Шаҳрҳои сабз» – лоиҳаи таҷдиди гармидиҳии мутамарказ дар шаҳри Душанбе

| | |
|---|---|
| Макон: | Тоҷикистон |
| Рақами лоиҳа: | 49375 |
| Соҳа: | зерсохтори мунисипалӣ ва муҳити зист |
| Бахши давлатӣ/хусусӣ: | давлатӣ |
| Категорияи экологӣ: | B |
| Санаи муқарраршудаи батасвибрасонӣ: | 7 апрели соли 2020 |
| Ҳолат: | **тасдиқ гардид** |
| Санаи нашри ҳуҷҷат оид ба тавсифи мухтасари лоиҳа (ҲТЛ) бо забони англисӣ: | 21 маи соли 2020 |

*Мутобиқи банди 1.4.2 (iii) Дастур “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот”: “Дар мавриди лоиҳаҳои аз ҷониби роҳбарияти Бонк тасдиқшуда, дар ҳолатҳое, ки Шӯрои директорон барои тасдиқи онҳо ваколат додааст, муҳтавои тавсифи мухтасари лоиҳа дар оғози давраи дахлдор и огоҳнома оид ризоият, ки ба кишвари узви Бонк мутобиқи моддаи 13 (iii) Созишнома оид ба таъсиси БАТР ирсол мегардад, нашр карда мешавад”.*

## Тавсифи лоиҳа

Пешниҳоди қарзи дорои кафолати давлатӣ барои 15 сол дар ҳаҷми то 5 миллион доллари ИМА (4,5 миллион евро) ба КВД “Корхонаи шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Душанбе”. Қарз дар ду транш пешниҳод мегардад: транши 1 ва транши 2, ҳар кадом иборат аз 2,5 миллион доллари ИМА. Интизор меравад, ки илова бар қарз маблағи грантӣ дар ҳаҷми 5 миллион доллари ИМА аз ҳисоби Фонди махсуси саҳҳомони БАТР ҷудо мегардад.

## Ҳадафҳои лоиҳа

Нахустин лоиҳаи Бонк дар соҳаи гармидиҳии мутамаркази Тоҷикистон иҷрои корҳои зеринро пешбинӣ мекунад: i) таҷдиди қитъаҳои алоҳида ва тавсеаи эҳтимолии шабакаи гармидиҳии мутамарказ («ГМ»); ii) таҷдиди истгоҳҳои обкашӣ ва ба тарзи таҷрибавӣ ҷорӣ намудани баҳисобгирии истифодаи гармӣ дар манзил; ва iii) хариди мошинолот ва таҷҳизот барои истифода ва хизматрасонии техникии шабакаҳо. Лоиҳа барои шаҳри Душанбе (“Шаҳр”) ҳамчун лоиҳаи аввалин дар доираи механизми ҳошиявии дуюми (МҲ-2) барномаи “Шаҳрҳои сабз” пешниҳод мегардад.

## Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш: 70

- ***Ба ҳифзи муҳити зист мусоидаткунанда (хусусияти аввалиндарача):*** Лоиҳа ифлосшавии ҳавои атмосферӣ ва партоби газҳои гулхонаӣ (“ГГ”) аз шабакаи гармидиҳии мутамарказии шаҳрро ба таври назаррас кам мекунад ва ба Шаҳр дар таҳия намудани нақшаи амал дар доираи барномаи “Шаҳрҳои сабз” бо муайянсозии мушкилиҳои мавҷудбуда ва ҳадафҳои назоратшаванда ёрӣ мерасонад;

- ***Сифати идоракунӣ (хусусияти дуюминдарача)***: Лоиҳа дар таҳия ва ҷорӣ намудани низоми шартномаҳо барои хизматрасонии коммуналӣ мусоидат мекунад.

## Маълумот дар бораи муштарӣ

КВД “КОРХОНАИ ШАБАКАҲОИ ГАРМИДИҲИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ”

КВД “Корхонаи шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Душанбе” хизматрасониҳои фарогири тақсимоти нерӯи гармиро дар шаҳри Душанбе пешниҳод мекунад ва пурра моликияти Шаҳр ба ҳисоб меравад.

## Маблағгузории БАТР

5 миллион доллари ИМА

Қарзи дорои кафолати давлатӣ дар ҳаҷми то 5 миллион доллари ИМА (4,5 миллион евро), ки ба Ширкат пешниҳод мегардад.

## Арзиши умумии лоиҳа

10 миллион доллари ИМА

## Хусусияти такмилӣ

Хусусияти такмилии Лоиҳа бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

- **Сохтори маблағгузорӣ:** шартҳои ба даст овардани маблағгузории дарозмуддат, ки дар бозор пайдо намудан ғайриимкон мебошад. Қарзи БАТР дар таъмини амалисозии воқеии Лоиҳа ва баланд бардоштани тавонмадии Ширкат барои пардохт намудани маблағи асосии қарз нақши калидӣ хоҳад дошт;

- **Кам кардани хавфҳо:** кам кардани хавфҳо ҳангоми гузариш ба энергетикаи камкарбон ва андешидани чораҳо барои баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим**,** масалан ҳангоми гузариш ба рушди иқдисодии камкарбон;

- **Тағйирот дар сиёсати давлат, соҳа, ташкилот ва заминаи меъёрию ҳуқуқӣ:** таҳия намудани нақшаи амал дар доираи барномаи «Шаҳрҳои сабз” (НАШЗ) барои Шаҳр ва татбиқи лоиҳаҳои минбаъдаи дорои манфиати назаррас ба муҳити зист;

- **Муқаррар намудани меъёрҳое, ки барои расидани лоиҳаҳо ва муштариён ба стандарт ва нишондиҳандаҳои баланд мусоидат мекунанд:** ҷорӣ намудани стандартҳои пешқадами байналмилалӣ дар соҳаи харид.

## Масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Лоиҳа ба категорияи B (аз рӯи СЭИ, с. 2019) нисбат дода мешавад. Интизор меравад, ки Лоиҳа сифат ва сатҳи эътимоднокии гармидиҳии мутамарказро дар шаҳри Душанбе, самаранокии фаъолияти хоҷагидории Ширкатро баланд бардошта, ифлосшавии ҳавои атмосферӣ ва партоби газҳои гулхонаиро аз шабакаи мавҷудбудаи гармидиҳӣ кам мекунад. Дар доираи омодасозии асоснокkунии техникӣ-иқтисодӣ, аз ҷониби мушовирони мустақил Тадқиқоти фарогири экологӣ ва иҷтимоӣ (“ТФЭИ”) гузаронида шуд. Он таҳлили барномаи пешниҳодшудаи сармоягузориҳои афзалиятнок (“БСА”), баррасии фаъолияти ҷории хоҷагидории Ширкат, инчунин низомҳои корпоративии идоракунии экологӣ ва иҷтимоӣ ва баррасии қобилияти Ширкатро дар татбиқи Лоиҳа мутобиқи талаботҳои Бонк нисбати татбиқи лоиҳаҳо дарбар мегирад. Дар ҷараёни тадқиқоти фарогир арзёбии хавфҳои роҷеъ ба дастрасӣ аз дидгоҳи иҷтимоӣ, бахусус он хавфҳое, ки ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тааллуқ доранд, гузаронида шуд. Барои Лоиҳа Нақшаи чорабиниҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (“НЧЭИ”) таҳия шудааст, ки пеш аз тасдиқи Лоиҳа аз ҷониби Шӯрои директорон бо Ширкат мувофиқа карда мешавад. Нақшаи ҷалби тарафҳои манфиатдор (“ҶТМ”) ва хулосаи ғайритехникӣ низ таҳия карда шуданд ва интишор мегарданд.

Ширкат кормандони масъули масъалаҳои алоқаманд бо ҳифзи саломатӣ ва бехатарии меҳнат, инчунин кормандони шӯъбаҳои кадрҳоро таъин намуд, ки талаботи қонунгузории миллии марбут ба фаъолияти Ширкатро хуб медонанд; аммо, барои Ширкат таъин намудани кормандони масъули масоили муҳити зист ва афзоиши зарфият барои таъмини кори муназзам дар ин самт зарур мебошад. Фаъолияти Ширкат тибқи қонунгузории миллӣ ва шартҳои иҷозатномаҳои дахлдор (агар онҳо мавҷуданд) дар сурати роҳ додан ба баъзе аз қонунвайронкуниҳо, ки бо тадбирҳои дар НЧЭИ пешбининамуда ислоҳ карда мешаванд, сурат мегирад.

Барномаҳои сармоягузориҳои афзалиятнок (“БСА”) барои қонеъ кардани талаботҳои сармоягузорӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидории ширкат ва эътимоднокии манбаъҳои гармидиҳӣ ва васеъ кардани шабакаи гармидиҳӣ хизмат мекунанд. ТФЭИ нишон дод, ки Лоиҳа имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи об, эътимоднокӣ ва сифати шабакаҳои мавҷудаи гармидиҳӣ баланд бардошта шавад. Азбаски Лоиҳа дар ҳудуди дегхонаҳои мавҷудбуда ва шабакаҳои гармидиҳии Ширкат

амалӣ карда мешавад, хариди иловагӣ ё азхудкунии замин дар доираи лоиҳа ба нақша гирифта нашудааст. Таъсири манфии Лоиҳа дорои хусусияти кӯтоҳмуддат буда, бо корҳои сохтмонӣ/таъмир алоқаманд хоҳад буд. Аз сабаби сохтмони роҳҳои давродавр ва афзоиши эҳтимолии нақлиёт амалисозии Лоиҳа боиси ҷорӣ гардидани маҳдудиятҳои муайян дар сатҳи маҳал нисбати дастрасӣ ба сохторҳои тиҷоратӣ, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва мағозаҳо мегардад; аммо, ин таъсирот тибқи нақшаҳои дар НЧЭИ пешбинишуда танзим мегарданд.

НЧЭИ, ки барои Ширкат тартиб дода шудааст, чораҳои зеринро дар бар мегирад: такмил додани системаҳои ҳифзи муҳити зист, саломатӣ ва бехатарии меҳнат (ҲМЗСБМ), мутобиқ намудани параметрҳои техникии дар БСА пешбинишуда ба стандартҳои ИА, инъикоси талаботҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ, талабот оид ба таҳияи Нақшаи муфассали ҳалли масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар раванди сохтмон (НҲМЭИС) бо мақсади кам кардани таъсири дар марҳилаи сохтмон баамаломада; омӯхтан ва барасмиятдарории сиёсати кадрии Ширкат, ташкили механизми дохилии баррасии шикоятҳо, ташкили низоми кор бо пудратчиён ва назорати фаъолияти онҳо ва иҷрои нақшаи ҷалби тарафҳои манфиатдор. Дар НЧЭИ инчунин дигар ҷанбаҳои фаъолияти Ширкат (ки бо БСА бевосита алоқамандӣ надоранд) дар якҷоягӣ бо талабот нисбати татбиқи лоиҳаҳо инъикос мешаванд, аз ҷумла: гирифтани иҷозатномаҳои зарурии зистмуҳитӣ, гузаронидани тадқиқот оид ба истифодаи асбест, таҳлили равғани дар трансформаторҳо истифодашуда оид ба мавҷудияти ПХБ дар таркиби он.

Бонк татбиқи Лоиҳа ва НЧЭИ, инчунин нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоии Ширкатро тавассути баррасӣ ва омӯзиши ҳисоботи солонаи экологӣ ва иҷтимоии он ва дар ҳолати зарурӣ бо анҷомдиҳии боздид аз маҳал, назорат мекунад.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

Пеш аз баимзорасонии Лоиҳа: i) омода кардани асосноккунии техникӣ ва иқтисодӣ оид ба муайян кардани ҳаҷм ва сохтори Лоиҳа, гузаронидани таҳлили молиявӣ ва баҳодиҳии ибтидоии экологӣ ва иҷтимоӣ (арзиш: 295,465 евро).

Пас аз баимзорасонии Лоиҳа: i) дастгирӣ дар татбиқи Лоиҳа, аз ҷумла дар гузаронидани тендерҳо ва назорати иҷрои корҳои пудратӣ (арзиши тахминӣ: 500,000 евро) ва ii) Барномаи рушди корхона ва иштироки тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла барномаи иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ва такмил додани сиёсат ва тартиби фароҳам овардани имкониятҳои баробар (арзиши тахминӣ: 300,000 евро).

## Шахс барои тамос дар ширкат

Норов Фарух Буриевич dteploset@gmail.com
992-837-231-24-41
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, 48а

## Санаи охирин навкунии ҲТЛ

21 маи соли 2020

# Дарки раванди гузариш

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш инҷо. оварда шудааст.

# Имкониятҳои тиҷоратӣ

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ бо БАТР (ки бо масъалаҳои  харид вобаста нест) тамос гиред:

Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:

Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

# Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххасро метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР пешниҳод намоед.

# Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талаботҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо ӯҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба “рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор” иҷро менамояд, муаян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва ҳалли нигарониҳо ва шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқаманд аст, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва миқёси хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР иловатан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд. Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

# Росткорӣ ва риояи талабот

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (ОССО) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. ОССО дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад.

ОССО инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, фасод ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс, новобаста аз он ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё фасод бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи ОССО барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

# Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

# Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд кӯшиш кунанд, ки мушкилоти худро тавассути Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ташриф оред ва маълумоти заруриро оид ба тарзи пешниҳоди дархост барои баррасӣ бо истифода аз шакли онлайнии махфии мо тавассути суроғаи электронӣ, почта ё телефон пайдо намоед. ММҲЛ барои муҳокимаи нигарониҳои шумо ва посухдиҳӣ ба ҳама саволҳое, ки метавонанд дар бораи ирсол ё коркарди дархостҳои ҷавобгӯ ба Сиёсати ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ва Дастур дар шумо пайдо шаванд, дастрас мебошад. Шахсияти дархосткунандагон метавонад аз рӯи хоҳиш махфӣ нигоҳ дошта шавад.